# ТАКРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Каримзода Мусо Бобишо дар мавзуи «Таърихи ислоҳоти соҳаи маориф дар Тоҷикистони соҳибистиқлол (1991-2021)», барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 6.1. Таърих ва бостоншиносӣ (6.1.1. Таърихи ватанӣ). Душанбе, 2026.**

Дар шароити ҷаҳонишавӣ ва таҳаввулоти босуръати иҷтимоию иқтисодӣ, соҳаи маориф ба яке аз омилҳои калидии рушди устувори давлат ва ташаккули сармояи инсонӣ табдил ёфтааст. Барои Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки пас аз ба даст овардани Истиқлолияти давлатӣ марҳилаи нави давлатдорӣ ва ҷомеасозиро оғоз намуд, ислоҳоти соҳаи маориф аҳаммияти махсуси стратегӣ касб кард. Дар ҳамин замина, омӯзиши таърихи ислоҳоти соҳаи маориф дар давраи соҳибистиқлолӣ, на танҳо аҳаммияти илмӣ, балки арзиши баланди иҷтимоӣ, сиёсӣ ва амалӣ низ дорад.

Дар ҳамин асос таҳқиқи таърихии ислоҳоти соҳаи маориф дар давраи солҳои 1991 -– 2021 яке аз мавзуъҳои муҳимтарин ва пажӯҳишҳои бунёдӣ дар илми таърихнигории муосири тоҷик маҳсуб меёбад. Гузаштан ба низоми нави иқтисодию иҷтимоӣ ва соҳиб шудан ба Истиқлоли давлатӣ тақозо мекард, ки соҳаи маориф ба куллӣ дигаргун карда шавад. Тадқиқоти Каримзода М.Б. маҳз ҳамин раванди бисёрҷабҳа ва тақдирсози миллатро мавриди омӯзиши амиқ қарор додааст. Муаллиф тавонистааст, ки воқеъбинона ва дар асоси манбаъҳои фаровон, нишон диҳад, ки чӣ тавр давлати ҷавони Тоҷикистон таҳти роҳбарии Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон тавонист соҳаи маорифро ҳифз намуда, онро ба сатҳи стандартҳои байналмилалӣ барорад.

Мақсади таҳқиқоти мазкур пажӯҳиш ва таҳлили таърихи раванди ислоҳоти соҳаи маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ, миёнаи умумӣ, ибтидоию миёна ва олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 1991-2021 мебошад.

Диссертатсия дорои сохтори мукаммал буда, ҳар як боби он як марҳала ва самти муҳими ислоҳотро нишон медиҳад. Диссертатсия аз муқаддима, панҷ боб, ёздаҳ зербоб, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалӣ ва рӯйхати адабиёти истифодашуда иборат мебошад.

Дар муқаддима моҳият ва мундариҷаи диссертатсия, дараҷаи омӯзиш, мақсад ва вазифаҳои он асоснок карда шуда асосҳои назариявӣ ва методии тадқиқот, аҳаммияти назариявӣ ва амалии он шарҳ дода шудааст.

Муаллиф дар боби якум таърихнигории масъала ва заминаҳои консептуалии ислоҳотро дар асоси асарҳои Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таҳлил намуда, нишон медиҳад, ки сиёсати маорифпарваронаи роҳбари давлат чӣ гуна заминаи устувори рушди соҳаро гузошт.

Дар бобҳои дуюм ва сеюм муаллиф ба рушди муассисаҳои томактабӣ ва таҳсилоти умумии давлатию ғайридавлатӣ таваҷҷуҳ намуда, хусусиятҳои хоси низоми таълими салоҳиятнокиро, ки як ҷузъи муҳими модернизатсияи мактабҳо мебошад, ба таври муфассал арзёбӣ кардааст.

Дар бобҳои чорум ва панчум раванди ислоҳот дар муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ, миёна ва олии касбӣ, инчунин ташаккули низоми кредитии таҳсилот баррасӣ шудааст. Муаллиф бо овардани рақам ва далелҳо сифати таълим ва таъмини кадрии соҳаро таҳлил намудааст, ки ба қимати илмии кор тақвият мебахшад.

Дар хулосаи диссертатсия натиҷаҳои таҳқиқот ҷамъбаст шуда, пешниҳодоти асосӣ ва тавсияҳои муаллиф баҳри дар оянда таҳқиқ намудани масъалаи мазкур оварда шудаанд.

Натиҷаҳои асосии илмии диссертатсия дар 2 монография, 17 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии

Тоҷикистон ва 16 мақола дар дигар маҷаллаҳо ва маҷмуаҳо ба табъ расидаанд.

Дар автореферат баъзе камбудиҳои имлоӣ ба назар мерасанд,ки мазмуни корро халалдор намесозанд.

Хулоса, диссертатсияи Каримзода Мусо Бобишо дар мавзуи «Таърихи ислоҳоти соҳаи маориф дар Тоҷикистони соҳибистиқлол (1991-2021)» як таҳқиқоти мукаммал, ва дорои аҳамияти калони илмию таърихӣ мебошад. Мазмуни диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (тибқи банди 72-и "Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ", Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.06.2023, №295) ҷавобгӯ буда, муаллифи он, сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 6.1. Таърих ва бостоншиносӣ (6.1.1. Таърихи ватанӣ) мебошад.

**Муқариз:** доктори илмҳои таърих,профессори
кафедраи таърихи умумӣ ва ватании
Донишгоҳи Славянии Россия ва
Тоҷикистон Мухидинов С.Р.

Суроға: 734055, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, хиёбони М. Турсунзода 30,
Тел.: (+992) 37-227-7853; munir.85@mail.ru

Тасдиқ мекунам,
Сардори раёсати кадрҳои Донишгоҳи
(Славянии) Россия-Тоҷикистон Исмоилова М.Н.

«29» 05 2026 г.